**ТАСДИҚ МЕКУНАМ**
Декани факултети ТРС ва ҲИ,
ДТТ ба номи М.С.Осимӣ,
н.и.т. Абдурасулов Д.А.
________________
«__8__» ___05___ соли 2025

**ХУЛОСАИ**
**ҷаласаи васеи семинари илмии кафедраҳои “Системаҳои автоматонидашудаи идоракунӣ”, “Технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи маълумот”, “Автоматонии равандҳои технологӣ ва истеҳсолот” ва “Математикаи олӣ”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

**Иштирок доштанд:** Ғафуров М.Ҳ. – н.и.т., дотсент; Юнусов Н.И., н.и.т., дотсент; Равшанов Ч.Б. - н.и.и., дотсент; Мусинов А.С. – н.и.и., дотсент; Садриддинов М. – н.и.ф.–м., дотсент; Умарализода Р.Ш. - н.и.т., дотсент; Бандишоева Р.М. - н.и.т., дотсент; Джалолов У.Х. - н.и.т., дотсент; Нарзуллоев С.А. - н.и.т., дотсент; Назаров А.Ш. – н.и.и., дотсент; Қабилов Ш.С. – н.и.т., дотсент; Қосимов А.А. – н.и.т., дотсент; Холов Ш.Ё. – н.и.т., дотсент; Бобобеков К.М. - н.и.т., муаллими калон; Яқубов Н.С. – н.и.ф.–м., муаллими калон; Бадалова М.А. - н.и.т., муаллими калон; Раҷабова А.С. - муаллими калон.

**Таклифшудагон**: Каландарбеков И., д.и.т., профессор; Мирзоев С.Ҳ. – д.и.т., дотсент; Ашурзода Б.Х. – н.и.т.; Қайюмов М., н.и.т. Ҳамагӣ: 21 нафар.

**РӮЗНОМА:**

1. Баррасии кори тадқиқотӣ - диссертатсионии Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи “Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ” аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – “Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ”.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

**Роҳбарони илмӣ:** доктори илмҳои физикаю математика, академики АМИТ, профессор Усманов З.Ҷ. ва доктори илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоев С.Ҳ.

**ШУНИДА ШУД:** Маърӯзаи Пиров С.М. дар мавзуи “Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – “Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ” ба шӯрои диссертатсионии мувофиқ ба ихтисос пешниҳод мегардад.

Маърӯза дар шакли рӯнамо пешниҳод мегардад.

## МУҲОКИМА ВА МУЛОҲИЗАҲО

**Дар муҳокима ва мулоҳизаҳо иштирок карданд:** Роҳбари илмӣ, д.и.т., дотсент Мирзоев С.Ҳ.; н.и.т., дотсент Ғафуров М.Ҳ.; н.и.т., дотсент Қосимов А.А.; н.и.т. Қайюмов М.

Баромадкунандагон қайд карданд:

Дар давраи омода кардани диссертатсия ва то айни замон диссертант Пиров Саидали Мирзоалиевич дар вазифаҳои ассистент ва муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият карда истодааст.

Соли 2006 факултети механикаю математикаи Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон (ҳозира ДМТ) - ро бо ихтисоси математикаи амалӣ хатм намудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» хулосаи зерин қабул гардидааст.

**Баҳои кори иҷро гардидаи унвонҷӯ.** Диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» ба омӯзиши масъалаи таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ ва таҳия намудани асосҳои системаҳои худкори шинохти хушоҳангии калимаҳо, бахшида шудааст.

**Баҳои мубрамияти мавзуи диссертатсия.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти пеш аз ҳама бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи барномаи истифода ва рушди технологияи иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ”, эълон гардидани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” ва як қатор барномаву стратегияҳои дар ин самт қабул гардида алоқамандии бевосита дорад.

Инчунин дар китоби Пешвои миллат “Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон” чунин омадааст: “Поку беолоиш нигоҳ доштани забон ва асолату шевоии онро ҳифз кардан қарзи фарзандии ҳар яки мову шумост. Бинобарин олимону зиёиёни мо бояд бо таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини забон ва таҷдиду таҳияи қомусу фарҳангномаҳо, ки барои баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва маърифати забономӯзии наслҳои имрӯзу оянда заруранд, ҷиддӣ машғул шаванд”.

Бо пайдо гардидани аввалин барномаҳои компютерӣ, андешаи коркард, нигоҳдорӣ, таҳлил, талаффуз ва тарҷумаи матнҳо низ ба вуҷуд омад. Барномаҳои гуногун барои коркарди иттилооти матнӣ таҳия гардидаанд, ки муҳимтарин масъалаҳои илми забоншиносиро ҳал мекунанд. Яке аз масъалаҳои мазкур ин хушоҳангӣ ё хоноии матнҳо ва баҳодиҳии он тавассути компютер мебошад, ки он барои қисме аз забонҳои дунё ҳали худро пайдо намудааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ба даст овардани** натиҷаҳои диссертатсия:

- иттилоъдиҳии аломатҳое, ки барои шинохт ва муайянкунии хушоҳангии калимашаклҳо таъйин шудаанд, таҳқиқ карда шуд;

- самаранокии истифодаи N-граммаҳои ҳуруфӣ (N=1,2,3) ба сифати аломатҳои муайянкунандаи хушоҳангии калимашаклҳо, муқаррар карда шуд;

- самаранокии таснифгари Усмонов З.Ҷ. муқаррар карда шуд, ки қобилияти бо саҳеҳии то 96% муайян кардани хушоҳангии маҷмуи калимашаклҳоро дорад;

- бори аввал дар Тоҷикистон маҷмааи барномаи компютерии замонавӣ барои шинохти худкори хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ, сохта шуд.

**Саҳеҳияти натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ** бо як силсила озмоишҳои ҳисоббарорӣ тасдиқ мешаванд, ки дар онҳо хушоҳангии калимашаклҳои гуногун бо саҳеҳияти кифоя баланд муайян шудаанд.

**Аҳамияти амалии** диссертатсия ва натиҷаҳои бадастомада дар он зуҳур меёбад, ки дар он бо усули таҷрибавӣ, усули нави таснифоти бузургиҳои тасодуфии фосиладор мавриди санҷиш қарор ёфт ва самаранокии татбиқи он бо мақсади шинохти худкори хушоҳангии калимашаклҳои чопии тоҷикӣ, муқаррар карда шуд. Аҳамияти амалии кор аз он иборат аст, ки вай барои татбиқи маҷмӯаи барномаи компютерии дар он сохташуда дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва системаҳои компютерии коркарди матн барои шинохти худкори хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ пешбинӣ шудааст.

Маҷмааи барномавии дар доираи кори диссертатсионӣ таҳиягардида «ХУШСАДО» номгузорӣ шудааст ва дар муассисаҳои зерин истифода бурда мешавад:

1. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. Донишкадаи забон ва адабиёт ба номи А.Рӯдакӣ.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсионӣ 13 мақола нашр шудаанд. Аз онҳо 6 мақолаи илмӣ, дар нашрияҳои аз тарафи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидаанд.

**Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1 – М] Пиров С.М. К разработке основ эвфонометрии слов [Текст] / З.Д. Усманов, С.М. Пиров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. - 2015. - №3 (160). - С. 39-42.

[2 – М] Пиров С.М. Дар бораи баъзе масъалаҳои хушоҳангии матнҳои тоҷикӣ [Матн] / С.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017, -№ 4-3. -С.105-109.

[3 – М] Пиров С.М. Таҳқиқи биграммаҳои “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ [Матн] / С.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017, -№ 1/5. - С.156-159.

[4 – М] Пиров С.М. Алгоритм распознавания благозвучия таджикских слов при использовании униграмм [Текст] / С.М. Пиров // Доклады Национальной академии наук Таджикистана. -2022, т. 65, № 1-2. С.57-62.

[5 – М] Пиров С.М. Алгоритми шинохти хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ бо истифодаи биграммаҳо [Матн] / С.М. Пиров // Паёми ДМТ, бахши илмҳои табиӣ. -2022. -№2. - С. 102-111.

[6 – М] Пиров С.М. Алгоритм распознавания благозвучия таджикских слов при использовании триграмм [Текст] / С.М. Пиров //Вестник, Филиала МГУ им. В.М.Ломоносов в г.Душанбе, раздел информатика. -2023, Том 1, -№1 (29). -С. 35 - 42.

## ХУЛОСА

1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсияи ихтисоси интихобгардида. Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсия ба бандҳои 1, 4 ва 7-и шиносномаи ихтисоси илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ», мувофиқат мекунад:

Б.1. Амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳои банақшагирӣ ва таҳлили барнома ва низоми барномавӣ, инчунин тағйирдиҳии эквивалентӣ, верификатсия ва тестиронии онҳо;

Б.4. Низоми идоракунии манбаи маълумот ва дониш;

Б.7. Интерфейсҳои инсон-мошин, амсилаҳо, усулҳо, алгоритмҳо ва воситаҳои барномавии мошинии графикӣ, визуализатсия, коркарди тасвир, низоми ҳақиқати виртуалӣ, муоширати мултимедӣ.

2. Диссертатсияи Пиров С.М. дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати корҳои диссертатсионӣ пешниҳодшуда, ҷавобгӯ буда барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ», тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи семинари илмии кафедраҳои «Автоматонии равандҳои технологӣ ва истеҳсолот», «Технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи маълумот», «Системаҳои автоматонидашудаи идоракунӣ» ва «Математикаи олӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ қабул карда шудааст.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: «тарафдор» - 21 нафар, «зид»-0, «бетараф»-0.

**Раиси ҷаласа, н.и.и., дотсент** **А.С. Мусинов**

**Котиби ҷаласа, н.и.т., дотсент** **Ш.Ё. Холов**

Имзои Мусинов А.С. ва Холов Ш.Ё.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори РК ва КМ ДТТ**
**ба номи академик М.С.Осимӣ** **Н.Ҳ. Қодирзода**

«**Т А С Д И Қ М Е К У Н А М**»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.

_______________________

«_2_» ______12______ соли 2024

**ХУЛОСАИ**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баррасии таҳқиқоти диссертатсионии Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, муҷтамаъҳо ва шабакаҳои компютерӣ».

Диссертатсия дар кафедраи технологияи иттилоотӣ ва иртиботии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Пиров Саидали Мирзоалиевич дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз соли 2014 то соли 2017 таҳсил мекард.

Пиров Саидали Мирзоалиевич соли 2006 факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси математикаи амалӣ хатм намудааст. Аз соли 2006 то инҷониб дар вазифаҳои ассистент ва муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият намудаистодааст.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ аз 19 ноябри соли 2024, № 1126 додааст.

**Роҳбарони илмӣ:** Усманов З.Ҷ., доктори илмҳои физикаю математика, академики АМИТ, профессор ва Мирзоев С.Ҳ., доктори илмҳои техникӣ,

дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошанд.

Мавзуи кори диссертатсионии Пиров Саидали Мирзоалиевич бо қарори Шурои олимони факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 08.04.2014, суратҷаласаи №9 тасдиқ гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти пеш аз ҳама бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи барномаи истифода ва рушди технологияи иттилоотӣ дар забони тоҷикӣ”, эълон гардидани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” ва як қатор барномаву стратегияҳои дар ин самт қабул гардида алоқамандии бевосита дорад. Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳар давру замон олимону муҳаққиқон ба масъалаи покизагии забон, диққати махсус додаанд ва имрӯз ҳам ин масъулияти асосиро идома додаистодаанд. Ҳифзи забон аз нуқсонҳои гуногуни зоҳирӣ, хусусан ҳамнишиниву ноҷурии овозҳои таркиби калима муҳимтарин вазифаи ҳар як фарди ҷомеа аз ҷумла эҷодкорону зиёиён буда таъмини форамию покизагии он яке аз талаботҳои хушоҳангӣ дар илми сухансанҷӣ мебошад. Ин нукта ба тафсил дар китоби Пешвои миллат “Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон” бараъло қайд гардидааст, ҳикмате аз онро ин ҷо овардан айни муддао аст: “Поку беолоиш нигоҳ доштани забон ва асолату шевоии онро ҳифз кардан қарзи фарзандии ҳар яки мову шумост. Бинобарин олимону зиёиёни мо бояд бо таҳқиқи масъалаҳои муҳимтарини забон ва таҷдиду таҳияи қомусу фарҳангномаҳо, ки барои баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва маърифати забономӯзии наслҳои имрӯзу оянда заруранд, ҷиддӣ машғул шаванд”. Яке аз масъалаҳои мазкур ин хушоҳангӣ ё хоноии матнҳо ва баҳодиҳии он тавассути компютер мебошад, ки он барои қисме аз забонҳои дунё ҳали худро пайдо намудааст.

**Робитаи таҳкиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар доираи нақшаи корҳои илмӣ - таҳқиқотии кафедраи технологияи иттилоотӣ ва иртиботии факултети механикаю математикаи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тибқи амалишавии нақшаи илми-таҳқиқотии мавзуъҳои буҷавӣ, рақами қайди давлатӣ № 0122TJ14117 (01.01.2021-31.12.2025) «Татбиқи методҳои риёзӣ ва технологияҳои нави иттилоотӣ дар соҳаи забоншиносӣ ва омӯзиши методҳои рамзгузории алифбоӣ» ба қайд гирифта шудааст ва лоиҳаи тадқиқоти бунёдии рақами қайди давлатӣ № 0116TJ00661 (01.01.2016-31.12.2021) «Татбиқи методҳои моделсозии математикӣ ва технологияҳои нави иттилоотӣ дар соҳаи маориф ва забоншиносӣ», иҷро гардидааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Таҳияи асосҳои системаҳои худкори шинохти хушоҳангии калимашаклҳои забони тоҷикӣ ва амалӣ намудани он дар намуди маҷмӯаи барномаи компютерӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ба мақсад расидан масъалаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

- таҳияи маҷмӯаи матнии калонҳаҷм барои омӯзиш ва гузаронидани озмоишҳои гуногуни илмӣ аз ҷумла муайянкунии хушоҳангии калимашаклҳо;
- таҳқиқи иттилоъдиҳии аломатҳое, ки барои муайянкунии хушоҳангии калимашаклҳо таъйин шудаанд;
- тафтиши самаранокии усулҳои математикӣ барои муайянкунии хушоҳангии калимашаклҳо;
- таҳқиқи самаранокии истифодаи унсурҳои алифбои *N*-граммаҳои рамзии басомадашон баланд барои муайянкунии калимашаклҳо;
- сохтани лоиҳаи маҷмааи нармафзори компютерӣ барои ба таври автоматӣ муайян кардани хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ ва татбиқи он.

**Объекти таҳқиқот** – амсилаҳои математикию компютерии таҳлил ва баҳодиҳии маҷмӯи калимашаклҳои чопии забони тоҷикӣ.

**Мавзуи таҳқиқот** – шинохти худкори хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ дар асоси аломатҳо ва басомади *N*-граммаҳои он.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсия ба бандҳои 1, 4 ва 7-и шиносномаи ихтисоси илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз

рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ», мувофиқат мекунад:

Б.1.Амсилаҳо, усулҳо ва алгоритмҳои банақшагирӣ ва таҳлили барнома ва низоми барномавӣ, инчунин тағйирдиҳии эквивалентӣ, верификатсия ва тестиронии онҳо;

Б.4.Низоми идоракунии манбаи маълумот ва дониш;

Б.7.Интерфейсҳои инсон-мошин, амсилаҳо, усулҳо, алгоритмҳо ва воситаҳои барномавии мошинии графикӣ, визуализатсия, коркарди тасвир, низоми ҳақиқати виртуалӣ, муоширати мултимедӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия нав буда, аз инҳо иборатанд:

- иттилоъдиҳии аломатҳои душворталаффузӣ барои тавсифи миқдории калимашаклҳои тоҷикӣ таҳқиқ карда шуд;

- самаранокии истифодаи N-граммаҳои ҳуруфӣ *(N=1,2,3)* ба сифати аломатҳои муайянкунандаи калимашаклҳо муқаррар карда шуд;

- самаранокии таснифгари Усмонов З.Ҷ. муқаррар карда шуд, ки қобилияти бо саҳеҳии то 96% муайян кардани хушоҳангии маҷмӯи калимашаклҳоро дорад;

- бори аввал дар Тоҷикистон маҷмааи барномаи компютерии замонавӣ барои шинохти автоматии хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ, сохта шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқоти** диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки дар он бо усули таҷрибавӣ, усули нави таснифоти бузургиҳои тасодуфии фосиладор мавриди санҷиш қарор ёфт ва самаранокии татбиқи он бо мақсади шинохти худкори хушоҳангии калимашаклҳои чопии тоҷикӣ, муқаррар карда шуд. Аҳамияти амалии кор аз он иборат аст, ки вай барои татбиқи маҷмӯаи барномаи компютерии дар он сохташуда дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва системаҳои компютерии коркарди матн барои шинохти худкори хушоҳангии калимашаклҳои тоҷикӣ пешбинӣ шудааст.

**Саҳеҳият ва асоснокии** натиҷаҳои бадастомада, бо як силсила озмоишҳои ҳисоббарорӣ тасдиқ мешаванд, ки дар онҳо хушоҳангии калимашаклҳои гуногун бо саҳеҳияти кифоя баланд муайян шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Гузориши масъала ва интихоби методҳои таҳқиқот ба роҳбарони илмӣ таалluқ дошта, натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии кор дар конференсияҳо ва семинарҳои зерин пешниҳод ва муҳокима гардидаанд:

- семинарҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Институти математикаи АМИТ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Руссия дар солҳои 2014-2023;

- конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии “Нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар рушди инноватсионии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, соли 2017, шаҳри Душанбе;

- конференсияи байналмилалии илмии “Современные проблемы математики и их приложения”, 14-15 июни соли 2017, шаҳри Душанбе, шаҳри Кӯлоб;

- Конференсияи илмӣ-амалии байналхалқии «XII Ломоносовские чтения», посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией (29-30 апреля 2022). Часть I. Естественные науки. – Душанбе, 2022;

- Материалы международной научно-практической конференции “Современные проблемы математики и её приложения”, посвященной 20-летию развития естественных, точных и математических наук 2020-2040 годы . -Душанбе -2022;

- Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Таҳлили компютерии масъалаҳои илм ва технология» бахшида ба «Солҳои

2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». -Душанбе -2023.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсионӣ 13 мақола нашр шудаанд. Аз онҳо 6 мақолаи илмӣ, дар нашрияҳои аз тарафи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Рисолаи илмӣ аз мундариҷа, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт, ки аз 137 номгӯй иборат аст, таркиб ёфтааст. Муҳтавои диссертатсия дар 143 саҳифа дарҷ гардида, 13 ҷадвал ва 59 расмро дар бар мегирад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

***а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:***

[1 – М] Пиров С.М. К разработке основ эвфонометрии слов [Текст] / З.Д. Усманов, С.М. Пиров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. - 2015. - №3 (160). - С. 39-42.

[2 – М] Пиров С.М. Дар бораи баъзе масъалаҳои хушоҳангии матнҳои тоҷикӣ [Матн] / С.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017, -№ 4-3. -С.105-109.

[3 – М] Пиров С.М. Таҳқиқи биграммаҳои “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ [Матн] / С.М. Пиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017, -№ 1/5. - С.156-159.

[4 – М] Пиров С.М. Алгоритм распознавания благозвучия таджикских слов при использовании униграмм [Текст] / С.М. Пиров // Доклады Национальной академии наук Таджикистана. -2022, т. 65, № 1-2. С.57-62.

[5 – М]  Пиров С.М. Алгоритми шинохти хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ бо истифодаи биграммаҳо [Матн] / С.М. Пиров // Паёми ДМТ, бахши илмҳои табиӣ. -2022. -№2. - С. 102-111.

[6 – М]  Пиров С.М. Алгоритм распознавания благозвучия таджикских слов при использовании триграмм [Текст] / С.М. Пиров //Вестник, Филиала МГУ им. В.М.Ломоносов в г.Душанбе, раздел информатика. -2023, Том 1, -№1 (29). -С. 35 - 42.

***б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:***

[7 – М]  Пиров С.М. Дар бораи гурӯҳбандии калимаҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи талаффузашон [Матн] / С.М. Пиров // РТСУ. Перспективы развития фундаментальных и прикладных лингвистических исследований в Республике Таджикистан. – Душанбе: Персис, 2016. - 1(7). -С. 16 -18.

[8 – М]  Пиров С.М. Дар бораи маҷмӯи аломатҳои тавсифкунандаи хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.М. Пиров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. ДТТ. -Душанбе -2017. -С. 352-355.

[9 – М]  Пиров С.М. Басомади биграммаҳои ҳарфҳои тоҷикӣ [Матн] / С.М. Пиров // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Ҷилди 1. -2020. -С. 39-40.

[10 – М]  Пиров С.М. Алгоритми содаи ба ҳиҷоҳо ҷудокунии калимаҳои тоҷикӣ [Матн] / С.М. Пиров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои муосири математика ва татбиқи он» бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ». -2022. -С. 158-161.

[11 – М]  Пиров С.М. Таҳлили моделҳои баҳодиҳии хушоҳангии матнҳо [Матн] / С.Ҳ. Мирзоев, С.М. Пиров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Таҳлили компютерии масъалаҳои илм ва технология» бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди

илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». -2023. -С. 396-404.

[12-М]. Пиров С.М. Шаҳодатнома. Ҷудокунии ҳиҷоҳои калимаҳои тоҷикӣ / С.М. Пиров // Свидетельство об официальной регистрации программы для ЭВМ в отделе по правам и защите прав автора Министерства культуры Республики Таджикистан (№ 150, 9.11.2022г.).

[13-М]. Пиров С.М. Автоматизированная система анализа текстов и оценка благозвучия таджикских слов [Текст] / С.Х. Мирзоев, А.А. Косимов, **С.М. Пиров**// Свидетельство о государственной регистрации информационного ресурса №1202500527 от 28.02.2025 внесен в реестр информационных ресурсов Республика Таджикистан.

Пас аз баррасии диссертатсияи номзадии Пиров Саидали Мирзоалиевич дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраҳои «Технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ», «Информатика», «Моделсозии математикӣ ва компютерӣ» ва «Математикаи ҳисоббарорӣ ва механика»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Пиров Саидали Мирзоалиевич дар мавзуи «Таҳия ва тадқиқи критерияҳои миқдорӣ барои баҳодиҳии хушоҳангии калимаҳои тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.13.11 – «Таъминоти математикӣ ва барномавии мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо ва шабакаҳои компютерӣ» барои қабул ва ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-049 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраҳои «Технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ», «Информатика», «Моделсозии математикӣ ва компютерӣ» ва «Математикаи ҳисоббарорӣ ва механика»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва қабул гардидааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд 22 нафар.

**Натиҷаҳои овоздиҳӣ**: «тарафдор»- 22 нафар, «зид»-нест, «бетараф»-нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №11 аз 27.11.2024.

**Раиси ҷаласа**: н.и.-т., дотсент,
декани факултети механикаю математикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Қосимов И.Л.**

**Котиби ҷаласа:** н.и.-и., дотсент, мудири кафедраи
технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Рустамова Х.Р.**

Имзоҳои Қосимов И.Л. ва Рустамова Х.Р. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ ________________ **Тавқиев Э.Ш.**